# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанаҳ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйй ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Кори диссертатсионии Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзуи * “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофи дури пахтаи миёнанах” аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 5 боб, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат буда, ҳаҷми он бидуни замимаҳо 134 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад, ки дар он 32 ҷадвал, 13 расм аз натиҷаи таҳқиқот тасвир ёфта, рӯйхати адабиёт аз 221 номгӯй иборат мебошад. Диссертатсия ва автореферати Разоқова Ф.С. дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Ҳамчунин, кори диссертатсионии мазкур, мазмуни диссертатсия ва автореферати он ба ҳалли мушкилоти селексияи зироати пахта ҷиҳати офаридани навъ ва дурагаҳои сермаҳсул, таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории насли дурагаҳои дохилинамудии аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи намуди О. ЫгзиШт Ь. бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқ мебошад.

» **Аҳамияти мавзуи диссертатсия.** Пахтапарварӣ ҳамчун самти афзалиятнокии растанипарварӣ дар заминҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ монда, таъмини рушди мунтазами он вазифаи илм ва истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ мебошад. Нахи пахта маҳсулоти арзишнок нисбат ба ҳамагуна наххои сунъию тибиӣ буда, бешубҳа дар байни дигар ашёи хоми саноати ресандагӣ, бартарияти худро ба таври ҳамешагӣ нигоҳ медорад. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба нахи пахта ҳар лаҳзаи хусусияти афзояндагӣ касб кардааст, агар ин раванд аз як тараф ба афзоиши нуфузи аҳолӣ рапт дошта бошад, аз тарафи дигар ба мувофиқатии нахи пахта ба организми инсон, беҳтаршавии сатҳу сифати ҳаёт аҳолӣ ва ҳамчунин ба рушди бонизоми саноат, аз ҷумла саноати ресандагӣ, рапт дорад. Дар ин росто Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳадафи чоруми стратегии кишвар таъйин намуда, барои таъмини устувори иқтисоди миллӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, ЭҶОДИ.ҶОЙҲОИ нави корӣ ва дар ин замин таъмини раванди гузариш

аз кишвари аграрӣ ба саноатию аграрӣ, ба таври ҳамешагӣ, кӯшиш намуда истодааст, ки истеҳсоли ҳарчи бештари нахи пахта яке аз заминаҳои таъмини ҳадафҳои гузошташуда мебошад. Растании пахта ҳамчун зироати стратегӣ шинохта шуда, маҳсулоти аз он истеҳсолшуда хусусияти содиротӣ, воридотивазкунанда, таъмини иқтисоди миллӣ, заминаи эҷоди ҷойҳои нави корӣ мебошад. Аз ин нигоҳ, кори диссертатсионии мазкур аҳамияти муҳими илмию амалӣ дошта, ба масъалаи рӯёнидан, афзоиш додан ва татбиқ намудани навъҳои зудрасу серҳосил дар истеҳсолот нигаронида шудааст.

Муаллиф асоснок мекунад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои пахтаи зудрасу серҳосил кам нестанд, вале онҳо то охир талаботи имрӯзаро қонеъ карда наметавонанд. Биноан, муаллиф захираи муҳими минбаъд зиёд намудани ҳосилнокии пахтаро аз қонуниятҳои генетикии ба ирсият гирифтани аломатҳо ҳангоми ҷуфтикунонии инбридингӣ ва аутбридингӣ вобаста дониста, омӯзиши ирсияти аломатҳоро дар дурагакунии дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах, ҳадафи омӯзиш қарор додааст, ки ҳалли ин мушкилот аҳамияти калони илмию истеҳсолӣ дорад.

Ҳамон гуна, ки муаллиф нигоштааст, **мақсади таҳқиқот** аз таҳқиқи ба ирсиятгирии аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудӣ дар Ғ1 ва Ғ$_2$ мебошад. Ин дурагаҳо аз ҷуфтикунии навъҳои серҳосили селексияи ватанию хориҷии пахтаи намуди О. ЫгзиШт Ь. рӯёнида шуда, сарнаслҳо аз нигоҳи ҷуғрофӣ аз ҳамдигар дур мебошанд.

Муаллиф дар асоси мақсади гузоштааш, вазифаҳои таҳқиқотро дар 9 банди зер гурӯҳбандӣ намуда, дар бобу зербобҳои минбаъдаи кори диссертатсионӣ равиши иҷрои вазифаҳо ва натиҷаҳои ба даст овардаашро баррасӣ менамояд:

\> таҳқиқи махсусияти рушду нумӯи навъҳои волидайнӣ;

\> баҳодиҳии муғҷабандии беҳтарини ғӯзачаҳо ба дурагаҳои Ғо;

\> таҳқиқи рушду нумӯи дурагаҳои дохилинамудии Ғ1 ва Ғ$_2$, муайян намудани коэффитсиенти ирсият аз нигоҳи баландӣ, шумораи ғӯзаҳо, буғум ташаккулдиҳии навдаҳои симподиалӣ;

\> муайян намуданӣ афзал^ятнокии дурагаҳои Ғ1 ва Ғ$_2$ аз рӯйи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ;

\> таҳқиқи ирсияти аломатҳои морфологӣ ва физиологии дурагаҳои Ғ1 ва Ғ$_2$;

\> таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои Ғ1 ва Ғ$_2$;

\> таҳқиқи ирсият, махсусиятҳои технологии нахи дурагаҳои Ғ1 ва Ғ$_2$;

\> баҳодиҳии қобилияти комбинатсионии навъҳои волидайн аз нигоҳи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ;

> муайян намудани ҳосили навъҳои волидайн ва дурагаҳои онҳо дар Ғ > ва Ғг.

Диссертант Разоқова **Ф.С. навгонии кори диссертатсионии** иҷронамудаашро аз он мебинад, ки бори нахуст дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохили наму^иро дар Ғ1 ва Ғг, ки худаш ҳангоми ҷуфтикунии навъҳои серҳосили пахтаи миёнанахи аз нигоҳи ҷуғрофӣ аз ҳамдигар дури селексияи ватанию хориҷӣ ба даст овардааст, муайян кардааст. Ба он эътимод аст, ки бори аввал , дар шароити Тоҷикистон коэффитсиенти ирсияти дурагаҳои Ғ1 ва Ғг аз нигоҳи аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва хоҷагидорӣ муайян кардааст. Воқеан, ҷуфтикунии дихилинамудии навъҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҳамдигар дур, равише мебошад, ки метавонад дар бавуҷудоии дурагаҳои қувваи гетерозис дошта ва навъҳои устувору серҳосили ҷавобгӯ ба талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ, замина гузорад.

**Аҳамияти илмии таҳқиқот,** аз зоҳир гардидани коэффитсиенти ирсияти аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва арзишноки хоҷагидорӣ дар селексияи назариявӣ донparam шуда, **аҳамияти амалии онро** аз зоҳиргардии коэффитсиенти ирсият самарабахши интихоб, ки аломатҳоро дақиқ иниъкос мекунад, дар популятсияҳо нигоҳ медорад ва ба селексионер имкон медиҳад, ки сифати интихобро беҳ гардонад. Муҳимтар аз ҳама, муаллиф навъҳои алоҳида (Сахин-2000, Наппа-122, Аудин-110, Назилли-84-8)-ро аз рӯйи аломатҳои арзишноки селексионӣ ва хоҷагидорӣ интихоб намуда, барои истифода дар корҳои селексионӣ ҳамчун сарнасл, тавсия менамояд. **Аҳамияти иқтисодии** кори иҷрошудаи- диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф маҷмӯи комбинатсияҳои волидайнӣ (Госсуп.Назилли х К-7292; Назилли-342 х К-5959; Мендерез х К-08440; ОРБ-4158 х Ирам-1МН; ва 01)2-Ғз х Сорбон)-ро ба истеҳсолот тавсия менамояд, ки дорои аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ буда, иқтидори ҳосилнокии 80,4-96,0 с/га дар насли аввал мебошанд.

Диссертант Разоқова **Ф.С. нуктаҳои илмии** зеринро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

> ба ирсият гирифтани аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудӣ дар Ғ1 ва Ғ2, ки аз сарнаслҳои серҳосили селексияи ватанӣ ва намунаҳои нави ҷуғрофии пахтаи миёнанах ба даст оварда шудааст;

> бартарии дурагаҳои Ғ1 ва Ғг аз нигоҳи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ;

> ҳосилнокии навъҳои волидайнӣ ва дурагаҳои онҳо дар Ғ1 ва Ғг.

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот Разоқова Ф.С. 17 мақолаи илмӣ, ки онҳо мазмуни асосии диссертатсияро таҷассум мекунанд ба нашр расонидааст, ки аз ин 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қисмати асосии мақолаҳои илмӣ бо ҳаммуалифӣ навишта шуда, 3 мақола бидуни ҳаммуалифӣ, танҳо аз тарафи диссертант ба нашр расида, аз рӯйи ҳаҷм ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Боби 1-и** рисолаи диссертатсионии Разоқова Ф.С. шарҳи адабиёт буда, аз 2 зербоб иборат мебошад. Зербоби аввал "Рушд ва комёбиҳои селексияи пахтаи миёнанах дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, аз 18 саҳифа иборат мебошад, ки 14 саҳифаи он фарогири тавсифи навъҳои дар замони Шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ парваришёбандаи пахтаи миёнанах дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад. Навъҳои тавсифшуда маҳсули селексияи олимони Шуравӣ, аз ҷумла Ҷамоҳири Шуравии Сотсиолистии Ӯзбекистон ва Тоҷикистонӣ мебошад. Зербоби 2 дар мавриди аломату хусусияти дурагаҳои дохилинамудӣ баҳс мекунад.

**Боби 2** дар 4 зербоб оид ба шароити табиию иқлимӣ, хусусияти агрокимиёвии хок, тавсифи объектҳои таҳқиқотӣ, методикаи гузаронидани таҷрибаҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ баҳс мекунад, ки қисмати бештари он тавсифи навъҳои омӯхташуда мебошад.

**Бобҳои минбаъдаи 3, 4 ва 5** натиҷаи таҳқиқоти бевоситаи муаллиф буда, аз 68 саҳифа иборат мебошад, ки 50,8 %-и ҳаҷми умумии диссертатсияро ташкил менамояд. Дар ибтидо махсусияти рушду нумӯи сарнаслҳо баҳогузорӣ шуда, хусусияти ташаккулёбии онҳо, аломати тезпазакӣ, вазни ҳосили 1 кӯрак дар волидайнҳо, ҳосилникии 1 растанӣ таҳлил гардида, нисбат ба навъи назоратии Зарнигор муқоиса карда мешавад. Минбаъд, хусусияти дурагаҳо дар Ғо, коэффисиенти ҷуфтшавии волидайнҳо, фоизи пайдошавии кӯрак дар комбинатсияи волидайнӣ ва вазни ҳосили 1 кӯраки насли дурага дар Ғо, аз рӯйи натиҷаҳои саҳрой баҳогузорӣ мегардад. Ҳамчунин, ба сифати аломатҳои морфологӣ, баландии пояи асосӣ, микдори барг, микдори шона, кӯрак, шохаҳои симподиалӣ, моноподиалӣ, баландии пайдошавии аввалин навдаи ҳосилдиҳанда, дар давраҳои алоҳидаи ҳаётии волидайнҳо ва 16 насли аз комбинатсияи волидайнӣ ба дастомада дар Ғ1 баҳогузорӣ мешавад ва то ҳадде муқоиса низ мегардад. Дар зербоби алоҳида ҳосилнокии дурагаҳо дар Ғ1 ва волидайни онҳо аз рӯйи натиҷаҳои саҳроии муаллиф баҳогузорӣ мешаванд. Аз натиҷаи ин таҳқиқот 7 комбинатсияи волидайнӣ (Госсуп.Мазилли х К-7292; Назилли-342 х К-5959; Мендерез х К-08440; ВРЬ-4158 х Ирам-1МН; ва ОИХ-Ғз х Сорбон) ба илм ва истеҳсолот пешкаш карда мешавад, ки насли онҳо дар Ғ1 хусусияти гетерозисӣ зоҳир намудааст.

Ҳамин тавр, дар қадамҳои минбаъдаи таҳқиқот аз тарафи муаллиф хусусияти баирсиятгузарии аломатҳои арзишноки хоҷагидории насли дурагаҳо дар Ғг бо муқоисаи волидайнашон, омӯхта мешаванд. Аломатҳои волидайни ба сифати модар истифодашуда алоҳида, аломатҳои волидайни ба сифати падар "истифодашуда дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ мешаванд ва дар

байни онҳо то ҳадде тафовут пайдо карда мешавад. Дар ин насл низ ҳамон маҷмуи аломатҳои дар боло зикр гардида баҳогузорӣ шудаанд, аммо микдори комбинатсияи волидайнӣ ин ҷо ба 23 ҷуфт расида, микдори насли онҳо низ 23 дурагаро ташкил намуда, бо назардошти навъи назоратӣ 24 варианти омӯзишӣ таҳқиқ гардидааст. Аз натиҷаи омӯзиши насли 2-и дурагаҳо муаллиф аз рӯйи нишондоди маҷмуи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ 6 комбинатсияи зерини волидайниро барои истифодаи минбаъдаи илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ тавсия мекунад: АС-4 х Деҳқон, АЕС86/60 х Зироаткор-64, КАК-66/3 х Зарнигор, ВР-4020 х Ҳисор, ВРЬ-4158 х Ирам-1МН, Аудин-110 х К-08488. Махсус қайд менамояд, ки дар Ғ2 насли 4 комбинатсияи волидайнӣ аз рӯйи нишондоди қади пояи асосӣ хусусияти гетерозис зоҳир намуданд ва аломати маҳсулнокии онҳо бо навъи назоратии Зарнигор муқоиса карда шуда, 8 насли дурага нисбат ба навъи назоратӣ хусусияти маҳсулнокӣ зоҳир намудааст.

Дар зербоби 4.3. муаллифи диссертатсия ба сифати аломати физиологӣ, ташаккулёбии масоҳати сатҳи баргро дар волидайн ва насли 2-юми онҳо, дар 2 давра, даҳрӯзаи 2-юми моҳи июл ва август баҳисоб гирифта, дар муқоиса бо ҳам баҳогузорӣ менамояд. Аз натиҷаи ин таҳқиқот 2 комбинатсияи волидайнӣ: - АЬС86/60 х Зироаткор-64 ва Аудин-110 х К-08488 ба сифати зоҳиркунандаи қувваи гетерозис дар Ғ2 интихоб ва ба илму истеҳсолот тавсия мешавад.

Ниҳоят, давталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ Разоқова Фотима Сафармадовна дар диссертатсияи хеш маҷмӯи таҷрибаҳои бисёрзинаро бо маҷмуи зиёди вариантҳои омӯзишӣ, дар насли аввал 16 комбинатсияи волидайнӣ бо 16 насли он ва дар насли дувум 23 комбинатсияи волидайнӣ бо 23 насли онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳқиқоти ниҳоят мураккабро ба сомон расонидаст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Рисолаи диссертатсионии Разоқова Ф.С. ба ҳамагуна талаботҳои аттестатсионӣ мувофиқ омода шуда, ҳама таркиботи он мусбат арзёбӣ карда мешавад, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 10 банди хулоса ҷамъбаст карда шудааст. Дар баробари ин бартариятҳо дар кори диссертатсионӣ камбудӣ низ ҷой дорад, ки чунин аст:

1.Дар матни кори диссертатсйонӣ аз як қатор муаллифон: - Румшевич Л.В. (1934), Автономов А.И. (1939), Сйапбгу (2003), Сангинов Б. (1958), Мансуров Н.И. (1961), Бурнашев Ш.Т. (1962), Ҷумаев М. (1970), Ҷаборов Х. (1985), Алямов А. (1995) ва ғ. иқтибос оварда шудааст, ки манбаъ дар рӯйхати адабиёт вуҷуд надорад ва ё баръакс, дар рӯйхати адабиёт як қатор сарчашмаҳое оварда шудаанд, ки дар матни диссертасия ба онҳо ишора нашудааст. Дар мавриди дувум, аз 8 адабиёти хориҷаи дур, ки бо забони англисӣ ба манбаи он ишора шудааст, ба 5 тои он дар матни диссертатсия ищора нашудааст. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи рӯйхати адабиёт талаботи

“Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №3 тасдиқ шудааст, оид ба тартиби хронологӣ дар доираи гурӯҳҳо, риоя нагардидааст.

2. Дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои зиёди имлоӣ ва техникӣ, илованависӣ дар ҷумла, нодуруст баён намудани ибораҳои тахассусӣ ба назар мерасад. Барои мисол, “ҳосили ашёи хоми пахта”, дар ҷойи “нахи пахта”, “методҳои навъи генетикӣ” дар ҷойи “усулҳои генетикӣ”, “дарозии миёнаи пахта” дар ҷойи “дарозии миёнаи нахи пахта”, “Намангон” дар ҷойи “Намангон-77”, “Хатлон” дар ҷойи “Хатлон-2011”, “дурагакунии дур” дар ҷойи “дурагакунии хешовандони дур”, “К-4338” дар ҷойи “К-4388”, “К-403885” дар ҷойи “К-403855”, “гардолудкунии такрории дурага бо гарди ин ё он намунаи волидайнӣ” дар ҷойи “ҷуфтикунии баргарданда, ки дар наслҳои минбаъда дурагаро бо яке аз волидайнҳо ҷуфт мекунанд”, “Қаратоғдарё ва Ширкендарё” дар ҷойи “дарёи Қаратоғ ва дарёи Ширкент”, “дар манзари расми 1 ва расми 2” ҳангоме, ки дар диссертсия расми ишорашуда вуҷуд надорад, “ирсият ва тағйирпазирӣ ҳамдигарро ҳамеша мушоҳида мекунанд” ва ғ.

3. Шарҳи адабиётҳо хулосагирӣ нашуда, ин боби кори диссертатсионӣ ба таври муҷмал хотима меёбад. Дар он барои мавҷуд будани мушкилот, ки муаллиф минбаъд бояд онро ҳал кунад, ишора нашудааст.

4.Зербобҳои 2.1. ва 3.2. ҳамагӣ аз 2 саҳифаи чопи компютерӣ иборатан, хубтар мебуд агар бо зербобҳои дигар муттаҳид карда мешуданд.

5. Х,ангоми таҳлили натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар кори диссертатсионӣ 13 расм оварда шудааст, ки нишондоди ҳамаи онҳо такрори нишододи ҷадвалҳои пеш аз худашон овардашуда мебошад, ки зарурияти такроркунӣ ҷой надошт.

6. Дар саҳифаи 118-и кори диссертатсионӣ “Ҷадвали 5.2.1-Х,осилнокии дурагаҳои авлоди якум (ҒҶ ва намунаҳои волидайнии онҳо дар тӯли солҳо 2015-2016” оварда шуда, бо ҳамин мазмун, дар саҳифаи 77-и кори диссертатсионӣ “Ҷадвали 3.5.3-Х,осилнокии дурагаи Ғ1 дар муқоиса бо навъҳои волидайнӣ дар тӯлӣ солҳои 2015-2016” оварда шудааст, ки аз рӯйи мазмун ва тарҳ такрори ҳамдигаранд, аммо нишондоди ҳосилнокии дурагаҳо ва волидайни онҳо дар ин 2 ҷадвал ҳамдигарро инкор мекунанд, ки натиҷаҳои кори диссертатсиониро зери шубҳа мебаранд.

Бояд қайд кунам, ки ин чанд таъкиди ман дар мавриди камбудиҳо, танҳо ба хотири риояи амонат дар кори илмӣ ва роҳ надодан ба чунин камбудиҳо дар иҷрои минбаъдаи кори илмӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ Разоқова Ф.С. таъсир намерасонад.

**Хулоса,** довталаб Разоқова Фотима Сафармадовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад. Диссертатсия ва автореферати тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267) мутобиқат мекунад. Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба пуррагӣ шарҳ дода шудаанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳия, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах” ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартарият доштаи илмҳои кишоварзӣ, ки ба талаботи банди 31 “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267), ҷавобгӯ мебошад. Умуман, мавзуъ актуалӣ буда, дар он масъалаҳои селексия ва равишҳои бавуҷуд овардани дурагаҳои гетерозисии пахта ҳангоми ҷуфтикунии дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҳамдигар дур, баррасӣ гардидааст. Биноан, кори илмии мазкур сазовори баҳои мусбат буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика,
селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи **Ш.Ш**оҳтемур,
номзади илмҳои кишоварзӣ Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович

Тел: 93-513-84-24
Е - mail: **Ka18-1275@mail.ru**

Имзои Ҳайдаров З.Ё.-ро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.
10.11.2023